# ПРОТОКОЛИ №29
## ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-062-и назди Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон

**аз 30.12.2025** **ш. Душанбе**

**Иштирок доштанд:**
аз **9** нафар аъзои шурои
диссертатсионӣ 9 нафар,
аз рӯйи ихтисос 9 нафар

30-уми декабри соли 2025, соати 12:00 дар толори шурои диссертатсионии 6D.КОА-062 назди Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, кӯчаи Мирзо Турсунзода, 30) ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-062 баргузор гардид. Вақти анҷоми ҷаласа: 15:30.

**Раиси ҷаласа:** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Комилов С.Ҷ.

**Котиби ҷаласа:** номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Раҷабова И.Р.

**Раиси Шуро:** Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ, ҳозирини гиромӣ! Ҳайати шуро бо шумораи 9 нафар тибқи фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25-уми апрели соли 2025 №168/шд тасдиқ гардидааст.

Дар асоси варақаи ҳузури аъзои шуро дар ҷаласа 9 нафар аъзо иштирок доранд, ки аз онҳо 8 доктории илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд.

Ҳамин тариқ, шуро ваколат дорад, ки масъалаҳои дар рӯзномаи ҷаласа гузошташударо баррасӣ намояд. Оид ба оғози кори шуро чӣ пешниҳод доред? Пешниҳод гардид, ки кори шуро оғоз карда шавад. Касе тарафдори он бошад, ки ҷаласаи шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям овоз диҳад. Муқобил? Бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ҳимояи ошкорои диссертатсияи Муртазозода Ораз дар мавзӯи «Такмили системаи идоракунии рушди инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология, амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ.

Диссертатсия дар кафедраи иқтисодиёт ва ташкили соҳибкории Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

**Мушовири илмӣ:** Мирсаидов Аврор Бобоевич – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини директори Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон мебошад.

**Муқарризони расмӣ:**

1. **Ашуров Ихтиёр Саидович –** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон.

2. **Зияева Манижа Давроновна –** доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

3. **Қаюмӣ Шаҳзода Тағо** – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, директори МД "Маркази такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони системаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ".

**Муассисаи пешбар**: Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.

**БАРОМАД НАМУДАНД:**

1. Раиси ҷаласа: д.и.и., профессор Комилов Сироҷиддин Ҷалолиддинович.
2. Котиби ҷаласа: н.и.и., дотсент Раҷабова Илмира Рустамовна.
3. Унвонҷӯ: н.и.и., дотсент Муртазозода Ораз.

Муаллифи диссертатсия ба саволҳои аъзои шуро, докторони илмҳои иқтисодӣ, профессор Султанов З.С., Раҳматзода Ҳ.Б., Шамсзода И.С., Амонова Д.С. ҷавоб дод.

Баромади мушовири илмии унвонҷӯ – Мирсаидов Аврор Бобоевич шунида шуд.

Баромади муқарризони расмӣ:

1. Ашуров Ихтиёр Саидович.
2. Зияева Манижа Давроновна.
3. Қаюмӣ Шаҳзода Тағо.

Баромади муқарризони ғайрирасмӣ, мутахассисон оид ба диссертатсияи баррасишаванда:

1. Султонов З.С.,
2. Ҳикматов У.С.,
3. Раҳматзода Ҳ.Б.
4. Комилов С.Ҷ

Ҷавоб ба эродҳои муқарризони ғайрирасмӣ ва сухани хотимавии диссертант шунида шуд. Тариқи овоздиҳии ошкоро комиссияи ҳисоб барои овоздиҳии пинҳонӣ таъин гардид ва дар ҳайати он се нафар аъзои шурои диссертатсионӣ д.и.и., профессор Раҳматзода Х.Б., д.и.и., профессор Амонова Д.С., д.и.и., профессор Шамсзода И.С. интихоб гардиданд.

Аз 9 нафар иштирокдоштагон дар маҷлис, ки ба шуро шомил ҳастанд 8 нафари бо ҳуқуқи овоздиҳӣ чунин овоз доданд: тарафдор 8 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Аъзои шуро тариқи овоздиҳии ошкоро протоколи комиссияи ҳисобро тасдиқ намуданд.

Пас аз шунидани баромади раиси комиссияи ҳисоб тариқи овоздиҳии ошкоро хулоса ва қарори шурои диссертатсионӣ дар бораи ба Муртазозода Ораз додани дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ қабул гардид.

**ҚАРОРИ**
**ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-062-и назди Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон**

**аз 30.12.2025, № 29** **ш. Душанбе**

Суханронии Муртазозода Ораз дар мавзӯи «Такмили системаи идоракунии рушди инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология, амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, тақризи мушовири илмӣ – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Мирсаидов Аврор Бобоевич, тақризи муассисаи пешбар - Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, суханронии муқарризони расмӣ - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон Ашуров Ихтиёр Саидович, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон - Зияева Манижа Давроновна, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, директори МД “Маркази такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони системаи меҳнат - Қаюмӣ Шаҳзода Тағо, муқарризони ғайрирасмӣ – докторони илмҳои иқтисодӣ З.С. Султонов, У.С. Ҳикматов, Х.Б. Рахматзода ва С.Ҷ. Комилов-ро шунида, баррасӣ карда, шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия оид ба асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи Муртазозода Ораз

**ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Муртазозода Ораз дар мавзӯи «Такмили системаи идоракунии рушди инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология, амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва

рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ба талаботи бандҳои 31 ва 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад.

2. Маводи илмии чопнамудаи довталаб дараҷаи илмӣ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд
3. Ба Муртазозода Ораз дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ дода шавад;
4. Барои додани дипломи дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ ба Муртазозода Ораз аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда мешавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори шурои диссертатсонӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор – 8 нафар. Муқобил – нест. Бетараф – нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Комилов С.Ч.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Раҷабова И.Р.

*Дурустии имзоҳои С.Ч. Комилов ва И.Р. Раҷабова -ро тасдиқ менамоям:*

*Сардори ШК ДСРТ* *Исмаилова М.Н.*

УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ